**Суратҷаласаи № 2-и**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

аз 9 январи соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 15 нафар аъзои Шурои
диссертатсионӣ 12 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

9 январи соли 2024, соати $15^{00}$ дар толори Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид. Вақти анҷоми маҷлис: $17^{30}$

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

РӮЗНОМА:

Ҳимояи диссертатсияи **Гулова Маъмура Нуровна** дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров Сабур Музаффарович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ҳомидов Дилмурод** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. **Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши **Гулова Маъмура Нуровна** оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои Шуро, доктороңи илмҳои филологӣ – Нуров П., Юсуфов У., Мақсудов Б., Раҳматуллозода С. ва Суфизода Ш. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров Сабур Музаффарович тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ - **Ҳомидов Дилмурод** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Доктороңи илмҳои филологӣ Назарзода Сайфиддин, Равшан Раҳмонов, Раҳматуллозода Сахидод, Мақсудов Б., Султон Ҳасан Баротзода ва Суфизода Ш. андешаҳои худро ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – доктороңи илмҳои филологӣ Нуров П., Равшан Раҳмонов ва Давлатбеков Л. шомил гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои Шуро 12 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Гулова Маъмура Нуровна** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 9.01.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Гулова Маъмура Нуровна** дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Ҳомидов Дилмурод** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муқарризони ғайрирасмӣ, докторҳои илм Назарзода Сайфиддин, Равшан Раҳмонов, Раҳматуллозода Сайфиддин, Мақсудов Бадриддин, Султон Ҳасан Баротзода ва Суфизода Шодимуҳаммадро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Гулова Маъмура Нуровна**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

5. Диссертатсияи **Гулова Маъмура Нуровна** дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
6. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
7. Ба **Гулова Маъмура Нуровна** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.

8. Ба додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Гулова Маъмура Нуровна** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

9.01.2024